# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Сироҷзода Ҷамолиддин Қиём дар мавзуи «Ташаккул ва таҳаввули айнишиносӣ дар Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик). – Душанбе, 2025. – 173 с.**

Садриддин Айнӣ аз он фарзандони бузурги миллат аст, ки дар як давраи сарнавиштсоз фидокорона талош намуда, барои таъмини бақои миллат қаҳрамониҳо нишон дода, барои он ки халқаш аз зери харобазори таърих дубора сар бардораду қомат рост кунад, падарвор ғамхорӣ ва сарпарастӣ намудааст. Устод Айнӣ ин хидматро на чун як сарвари сиёсӣ ё саркардаи низомӣ, балки ба сифати адибе ва донишманде, ба сифати як пешвои маънавӣ адо намуд. Дар ҳамин гуна давраи душвор қаламі устод Айнӣ кори шамшерро кард ва фаъолияти иҷтимоӣ ва илмию равшангарии ӯ бошад, вазифаи муҳимми сиёсиро ба сомон расонида, барои худшиносӣ ва муайян намудани сарнавишти таърихии миллат нақши муҳимро анҷом дод.

Агар мо эътибори адибони бузурги худро ба теъдоди китобҳо ва мақолоте, ки дар бораи рӯзгору осори эшон навиштаанд, бисанҷем, дар адабиёти давраи нави тоҷик устод Айнӣ маҳбубтарин адиби мост ва таҳқиқоти дар бораи зиндагӣ ва фаъолияти адабию илмӣ ва сиёсию мадании ӯ рӯйи кор омада гувоҳи ин матлаб аст. Муҳаққиқони зиёди ватанию хориҷӣ паҳлӯҳои гуногуни ҳаёт ва фаъолияти ӯро мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор дода, мақомашро ӯро дар таърихи адабиёти тоҷик нишон додаанд. Аммо бо вуҷуди ин ҳама эҳсос мешавад, ки дар аҳвол ва осори ин саромади адабиёти навини тоҷик розҳое нуҳуфтаанд, ки мо бо дурустӣ онро накушода ва нашинохтаем.

То ба имрӯз дар ҷустуҷӯҳои илмии донишмандон чун М. Шакурӣ, И. Брагинский, А. Сайфуллоев, Ю. Бобоев, А. Маниёзов, Х. Мирзозода, Х. Шарифов, С. Амирқулов, Х. Асозода, А. Кӯчарзода, А. Набавӣ, А. Маҳмадаминов, М.Имомзода корҳои зиёд анҷом ёфта, вежагиҳо ва афзалиятҳои зинаҳои инкишофи айнишиносии тоҷик мушаххас шудаанд. Вале боз ҳам метавон гуфт, ки айнишиносӣ дар Тоҷикистон марҳилаҳо, равишҳо ва вижагиҳои хос дошта, ҳанӯз ба таври ҷомеъ омӯхта нашудааст. Дар ин асос метавон гуфт, ки таҳқиқи ин масъалаҳо **аҳаммияти махсуси илмӣ** дорад. Диссертант барҳақ қайд намудааст, ки «..айнишиносӣ дар Тоҷикистон марҳилаҳо, равишҳо ва хусусиятҳои хос дошта, таърихи он ҳанӯз ба таври марҳалавӣ омӯхта нашудааст. Беш аз ин, айнишиносии тоҷик дар тӯли замон хусусияти хоси ташаккул ва таҳаввулро тай карда, маводи дар ин замина мавҷудбуда ба омӯзиш ва арзёбии ҷомеъ ниёз дорад, ки далели мубрамии мавзуи таҳқиқи рисолавӣ мебошад» (диссертатсия, с. 4).

Дар чанд банди **шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.01 – Адабиёти тоҷик** пажуҳиши нукоте тарҳрезӣ шудааст, ки ба таҳқиқи рӯзгору осори адибони гузаштаю муосир ва таъини нақши онҳо дар рушду таҳаввули адабиёту мактабу ҷараёнҳои адабӣ иртибот мегирад. Аз ин ҷиҳат, мавзуи диссертатсияи тақризшаванда ба доираи мавзуъҳо ва масоили пажуҳишии

шиносномаи ихтисоси илмии **10.01.01 – Адабиёти тоҷик** комилан **мувофиқат менамояд.**

**Навгонии илмии диссертатсияи** Сироҷзода Ҷамолиддин Қиём дар он зоҳир мешавад, ки бори нахуст дар қолаби рисолаи таҳқиқӣ марҳилаҳои ташаккул ва таҳаввули айнишиносии тоҷик ба таври густурда таҳқиқ ва арзёбӣ гардида, ҳамчунин ба масоили моҳият ва равишҳои мусбат ва манфии айнишиносӣ дар Тоҷикистон, хусусиятҳои сохтори мундариҷавӣ ва бадеии осори нависанда ва дастовардҳои адабиётшиносони тоҷик оид ба масоили баҳсноки рӯзгор ва осори устод Айнӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир шудааст. Дар рисолаи мавриди назар хусусиятҳои сохтори мундариҷавӣ ва адабии осори адиб дар таҳқиқи айнишиносон ба таври густарда анҷом ёфтааст.

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ** бо он асоснок карда мешаванд, ки дар кори диссертатсионии мазкур аз дастовардҳои илмӣ ва осори назарии адабиётшиносони ватанию хориҷӣ ба ҳадди зарурӣ истифода гардида, маълумоту сарчашмаҳо асосан мушаххасанд. Ҳамчунин, ҳаҷми маводи таҳқиқ, коркарди натиҷаҳо ва теъдоди интишорот дар мавзуи диссертатсия ба талаботи мавҷуда барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисос мувофиқат менамоянд. Омӯзиши сарчашмаҳои адабӣ ва интихоби дурусти методҳои таҳқикию баррасии мавзуъ ва масъалаҳои дар бобу фаслҳои диссертатсия тарҳрезишуда ба муаллиф имкон додааст, **хулоса ва тавсияҳои** боэътимод бароварда, дурнамои мавзуъҳои таҳқиқии марбут ба дигар самтҳои фаъолияти адабию илмии устод Айниро дуруст муайян намояд.

**Аҳаммияти назарии таҳқиқ дар он зоҳир мешавад**, ки маводи диссертатсия, натиҷаҳо ва равиши таҳқиқии муаллиф Барои дарки асосҳои илмӣ ва хусусиятҳои хоси ҷараёни инкишофи айнишиносӣ дар Тоҷикистон кумак расонад. Ҳамзамон дар омӯхтани паҳлуҳои гуногуни фаъолияти эҷодии дигар адибон, масъалаҳои ҳамгун дар адабиёти давраи нави тоҷик, таъини мавзую мундариҷа, баррасии масъалаҳои марбут ба самти адабиётшиносиву забоншиносӣ ва таърихнигорӣ ба унвонҷӯёну довталабони дараҷаҳои илмӣ ва магистрантону донишҷӯён ҳамчун маводи назарии илмӣ ёрӣ расонида метавонад.

Маводи фаровони адабиётшиносии дар рисола гирдомадаро метавон барои таълифи таърихи адабиёти тоҷик истифода кард. Ҳамчунин, натиҷаҳои пажуҳишро барои таҳқиқотҳои минбаъда оид ба айнишиносӣ, таҳия ва нашри матни интиқодии осори нависанда, таълиф ва мураттаб сохтани китобҳои дарсӣ, воситаҳои таълимӣ, суханрониҳо роҷеъ ба масъалаҳои назарӣ ва амалии таҳқиқоти типологӣ оид ба рӯзгор ва осори устод Айнӣ дар мактабҳои таҳсилоти умумӣ ва донишгоҳҳои олӣ истифода кард.

Сироҷзода Ҷамолиддин барои анҷом додани кори таҳқиқиаш дар назди худ мақсаду вазифаҳои мушаххас гузошта, **нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшавандаро** дар 6 банд манзур намудааст. Нуктаҳои асосии ба

ҳимоя пешниҳодгардида муҳтавои фаслу бобҳоро инъикос карда, дар самти айнишиносӣ, марҳилаҳои ташаккулу таҳаввули он аҳаммияти махсуси илмӣ доранд.

Диссертатсияи Сироҷзода Ҷамолиддин Қиём аз муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқ, 3 боб, 8 фасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёт ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия таркиб ёфтааст. Дар фаслу бобҳои диссертатсия шеваи хуби таҳқиқӣ, истинод бар маъхазҳо, муҳокимаю бардоштҳо ва хулосаҳои ҷолиб ба назар мерасанд.

Дар муқаддимаи диссертатсия ҳамаи зербахшҳои зарурӣ тибқи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, хусусан, Тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия таҳия ва манзур шудаанд.

**Боби якуми** диссертатсия – **«Марҳалаҳои пайдоиш ва тамоюлҳои иикишофи айнишиносӣ дар Тоҷикистон»** аз се фасл фароҳам омадааст. Дар фасли аввали боби якум, ки **«Ҷустуҷӯҳо дар шинохт ва арзёбии зиндагинома ва осори Айнӣ»** ном гирифтааст, равишҳо ва тамоюлҳои марҳалаи аввали айнишиносӣ, ки аз солҳои бист то шастуми садаи гузаштаро дар бар мегирад, баррасӣ шудааст.

Муаллифи рисола зимни таҳқиқу таҳлилҳои қиёсӣ ба ин натиҷа расидааст, ки марҳалаи аввали айнишиносӣ дар Тоҷикистон бо баҳсҳо дар бораи «Намунаи адабиёти тоҷик» ва повести «Одина»-ву романи «Дохунда»-и устод Айнӣ оғоз ёфта бо хусусиятҳои хоси равиши инкишоф ва гароишҳои ҳунариву ақидатӣ аз давраҳои баъдӣ тафовути ҷиддӣ дошта, он зери таъсири сиёсати ҳизбу ҳукумрон дар соҳаи адабиёту фарҳанг, аз ҷумла нақди мафкуравӣ ва илмии иҷтимоъгаро шакл гирифтааст. Бавижа, бо вуҷуди баъзе паҳлуҳои манфиаш, ин давра дар шинохт ва арзёбии ҳаёту осор ва нақши Айнӣ дар инкишофи адабиёти навини тоҷикӣ муҳим ва таъсиргузор мебошад.

Ҳамзамон, дар ин фасл мувофиқи натиҷагирии довталаб охири солҳои чилум ва солҳои панҷоҳуму шастуми садаи бист ҳамчун марҳалаи нави таҳқиқ дар арзёбии ҳаёт ва осори устод Айнӣ таъбир шуда, мақолаву рисолаҳои айнишиносон ба гунаи И. С. Брагинский, М. Шукуров, А. Маниёзов, С. Табаров, Ш. Ҳусейнзода, Р. Ҳошим, Н. Маъсумӣ, А. Сайфуллоев, Ҷ.Азизқулов, Х. Отахонова, Н. Беҳбудӣ, Т. Абдуҷабборов дар муайян намудани сарнавишт ва чеҳраи ҳунарии ӯ нақши муҳим доштаанд.

Дар фасли дувуми боби аввал **«Марҳалаи дувуми инкишофи айнишиносӣ (аз солҳои ҳафтод то солҳои навадум)»** давраи баъдии айнишиносӣ, ки солҳои ҳафтод то солҳои навадумро маҳсуб мешавад, мавриди баррасӣ қарор гирифта, тафовути ин марҳила нисбат ба давраи аввал нишон дода шудааст. Диссертант таҳқиқоти дар ин марҳала нисбат ба устод Айнӣ ба вуҷуд омадаро ба се гурӯҳ тақсимбандӣ мекунад, ки гурӯҳи аввал ба омӯзиши зиндагинома, гурӯҳи дуюм ба фаъолияти эҷодӣ ва гурӯҳи сеюм ба масъалаҳои эҷодиёт, аз ҷумла мундариҷаву ғоя ва хусусиятҳои бадеии осори

нависанда иртибот доранд. Дар ҳамин маврид барои таҳкими андешаи худ чанде аз ин таълифотро зикр карда, дар масъалаи мавриди назар имтиёзи бештар доштани китобу рисолаҳои Радий Фишу Раҳим Ҳошим, М. Шукуров ва А. Сайфуллоевро нишон медиҳад.

**«Айнишиносӣ дар давраи Истиқлол»** фасли сеюми боби аввал буда, дар он ҳаёт ва осори устод Айнӣ аз тарафи айнишиносон дар замони бозсозӣ ва Истиқлол мавриди таҳқиқ ва таҳлил қарор гирифтааст. Мувофиқи арзёбиҳои довталаб бозсозӣ ва замони Истиқлол шароити мусоидро ба айнишиносон барои ҷустани консепсияи нави шинохти ҳаёт ва осори устод Айнӣ фароҳам овард. Ин марҳалае буд, ки дидгоҳҳои назариву амалӣ нисбат ба адабиёт дигар шуд, аз ҷумла дар ин давра назари айнишиносон ба муҳимтарин лаҳзаҳои ҳаёту эҷодиёти устод Айнӣ ва моҳияти иҷимоиву маънавии он тағйир ёфт. Дар ҳамин маврид унвонҷӯ қайд мекунад, ки «Яке аз аввалин мақолаҳое, ки мушкилоти навназариро ба эҷодиёти устод Айнӣ дар ибтидои солҳои навадум матраҳ карда буд, мақолаи М. Шакурӣ «Аз пайи фаҳмиши нав» мебошад. М. Шакурӣ дар замони шуравӣ «дур рафтан аз ҳақиқати ҳаёт»-ро «як навъи поймол шудани адолати иҷтимоӣ» унвон карда, дар қатори бисёре аз масъалаҳои дигар ба ҳаёт ва эҷодиёти устод Айнӣ бо «навназарӣ, биниши тозаи танқидӣ» нигаристанро маслиҳат дода, худ дар ин замина баъзе корҳои муҳимро анҷом додааст» (саҳ.62).

Дар ин қисмати кор муаллифи рисола зимни баррасии мақолаи М. Шакурӣ «Як нигоҳе умумӣ ба адабиёти тоҷикии садаи бист», рисолаҳои Соҳиб Табаров рисолаи «Зиндагиномаи Садриддин Айнӣ» (1875-1899), Х. Асозода «Сиёсат, воқеият ва устод Айнӣ», «Иловаҳо ба шарҳи ҳоли устод Айнӣ» ва «Садриддин Айнӣ дар миён ҳаст ва хоҳад буд», А. Набавӣ мақолаи «Мушкилаҳои навназарӣ ба эҷодиёти устод Айнӣ», А. Кӯчарзода рисолаҳои «Накди матн ва масъалаҳои матншиносии насри С. Айнӣ», ‘Таҳрири адабӣ ва фаъолияти муҳарририи С. Айнӣ», А. Маҳмадаминов рисолаҳои «Адабиётшиносӣ ва худогоҳии миллӣ», «Айнишиносӣ ва замони ҳозира», «Садриддин Айнӣ – олим», Ш. Рахмонов «Шеър ва Айнӣ» нисбат ба рӯзгору осори устод Айнӣ падид омадани тозагӯиҳои айнишиносонро нишон додааст.

Боби дувуми рисола **«Шинохт ва баррасии пажуҳишҳо дар заминаи омӯзиши сохтори мундариҷавию ғоявӣ ва бадени осори Айнӣ»** унвон дошта, ҷусторҳои айнишиносон дар мавриди сохтори мундариҷавию ғоявӣ ва бадеии осори Айнӣ дар ду фасли он натиҷагирӣ шудааст.

Дар фасли аввал **«Таҳқиқи хусусиятҳои мундариҷавӣ ва ғоявии осори нависанда»** таҳқиқоти муҳаққиқон роҷеъ ба вижагиҳои мундариҷавӣ ва ғоявии осори бадеии устод Айнӣ арзёбӣ шудааст. Дар масъалаи хусусиятҳои мундариҷавию ғоявии осори устод Айнӣ муҳаққиқ мақолаи Раҳим Ҳошим «Якумин қиссаи инқилобии тоҷик «Одина»-ро дар айнишиносӣ нахустин арзёбӣ кардааст. Инчунин, дар шинохти мундариҷа ва ғояи осори бадеии Айнӣ, аз ҷумла повести «Одина» ва романи «Дохунда» имтиёз доштани рисолаи Бектош «Садриддин Айнӣ ва эҷодиёти ӯ» -ро таъкид мекунад. Баъди баррасии муфассал пажуҳишоти айнишиносон ба гунаи М. Шакурӣ, А. Сайфуллоев, И. Брагинский, Н. Маъсумӣ, А, Набавӣ, М. Раҷабӣ, Ш.

Солеҳовро дар шинохти моҳияти сохтори мундариҷавӣ ва ғоявии осори бадеии устод Айнӣ муҳим ва арзишманд медонад.

Масъалаҳои ҷустуҷӯҳои бадеӣ ва маҳорати ҳунарии Айнӣ, самтҳои шинохт ва таҳқиқу тавсифи образҳо, вижагиҳои характерҳои осори бадеии адиб, тарзи сужетсозӣ ва сохтори композитсионии асарҳои нависанда, усули тасвир, забон ва сабки нигориш ва ҳунари шоирӣ мавриди баҳси фасли **«Таҳқиқ ва баррасии ҷустуҷӯҳои бадеии Айнӣ»** қарор гирифтаанд. Дар баррасии ин масъалаҳо таҳқиқоти аз нимаи дувуми солҳои бистуми садаи гузашта то ба имрӯз ба вуҷудомада таҳлил шуда, моҳияти ковишҳои айнишиносон ба таври мушаххас нишон дода шудааст. Натиҷагирии унвонҷӯ ин аст, ки ҳунари образофаринӣ, характерсозӣ, сужетбофӣ, композитсия, тарзи тасвир ва забону сабки осори бадеии устод Айнӣ аз ҷониби донишмандон М. Шакурӣ, А. Сайфуллоев, Раҳим Ҳошим, Ҷ. Бақозода, Х. Шарифов, А. Набавӣ, М. Раҷабӣ, М. Имомов, О. Хоҷамуродов ба таври мушаххас таҳқиқ ва арзёбӣ шудаанд.

Бавижа, рисолаҳои таҳқиқотии А. Набавӣ «Тасвири олами ботинии инсон. Нависанда ва замон», М. Раҷабӣ «Тадқиқи таърих-тадқиқи характер» ва М. Имомзода «Сужет ва тасвир дар насри Садриддин Айнӣ»-ро дар мавриди образофарӣ ва усули шахсиятпардозии устод Айнӣ дар алоқамандӣ ба психологизми бадеӣ, дар офаридани образҳову характерҳо, тарзи сужетсозӣ, сохтори композитсионии асарҳои устод Айнӣ муҳим медонад. Махсусан, таҳқиқоти М. Имомзода «Сужет ва тасвир дар насри Садриддин Айнӣ»-ро дар шинохти ҳунари нависандагии устод Айнӣ ҷомеъ ва пурмуҳтаво мешуморад.

Унвони боби сеюми рисола **«Омӯзиши фаъолияти илмии Садриддин Айнӣ»** буда, аз се фасл таркиб ёфтааст. Мавзуи баҳси ин боб ва фаслҳои он таҳқиқу баррасии фаъолияти адабиётшиносӣ, забоншиносӣ ва таърихшиносии устод Айнӣ мебошад. Дар фасли аввал **«Арзёбии фаъолияти адабиётшиносии Айнӣ»** ҷустуҷӯҳои айнишиносон оид ба фаъолияти адабиётшиносии Айнӣ таҳқиқ ва таҳлил мешавад. Зимни баррасиҳои таълифоти айнишиносон диссертант нақши асарҳои илмии устод Айниро дар таҳқиқи таърихи адабиёт, назарияи адабиёт, танқиди адабӣ ва масъалаҳои муҳимми адабиёти муосир дар ташаккули адабиётшиносии тоҷик таъкид карда, ба вижа арзиши онҳоро дар мавриди омӯзиши мероси адабӣ, тарғиби адабиёти нави тоҷик ва ривоҷу равнақи минбаъдаи он бағоят бузург медонад. Таъкид мекунад, ки донишмандон Х. Мирзозода, Р. Ҳодизода, Э. Муллоқандов, А. Маҳмадаминов дар баррасии фаъолияти адабиётшносии Айнӣ ҷойгоҳи хос дошта, дар таҳқиқ ва арзёбии мушкилоти таърихи адабиёт, масъалаҳои назарӣ ва зебоишиносӣ пажуҳиши осори Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Саъдӣ, Восифӣ, Навоӣ ва ғайра устод Айниро бунёдгузори равиши тозаи илми адабиётшиносии навини тоҷик медонанд.

Дар такя ба таҳқиқоти дар ин замина анҷомгирифта диссертант хулоса мекунад, ки адабиётшиносӣ аз ибтидои фаъолияти эҷодӣ то охирин рӯзҳои ҳаёташ ҷузъи асосии ҷустуҷӯҳои эҷодии устод Айнӣ қарор гирифта, дар ин самт ӯ корҳои мондагорро ба анҷом расонидааст.

Устод Садриддини Айнӣ на танҳо дар амри бақову пойдорӣ ва шукуфоии забони модарии мо дар садаи сарнавиштсози XX, калидӣ дорад, балки замони ба марҳалаи нави рушду такмил ворид шудани забони тоҷикӣ ва ба зуҳур пайвастани дигаргуниҳои куллӣ дар ин забон низ бо кору пайкор ва осори мондагори ӯ сахт алоқаманд аст. Фасли дуюми боби дуюм **«Накд ва арзёбии ҷустуҷӯҳои Айнӣ дар илми забоншиносӣ»** ба фаъолияти забоншиносии иртибот дошта ҳамчун «сарвари илми забоншиносии тоҷик» ва яке аз поягузорони он дар заминаи таҳқиқотҳои анҷомгирифтаи мушаххас ва таҳқиқоте, ки хидматҳои устод Айниро дар ҳифз ва ташаккулу таҳаввули забони тоҷикӣ ва бахши луғатшиносӣ арзёбӣ кардаанд, баррасӣ шудааст.

Бино бар хулосаи муҳаққиқ айнишиносон фаъолияти забоншиносиро як ҷузъи муҳимми ҷустуҷӯҳои эҷодии устод Айнӣ шинохта, нақши ӯро дар ҳифзи ҳувияти миллӣ ва арзишҳои фарҳангии тоҷикон бузург маънидод кардаанд. Воқеан, забон барои устод Айнӣ аз оғози фаъолияти эҷодиаш унсури муҳимми ҳувиятсози миллӣ буда, ин тамоюли фикрӣ дар пешниҳод ва ҳалли масъалаҳои бунёдии забон раҳнамои ӯ будааст. Ба ин далел, бесабаб нест, ки Айнӣ дар давоми фаъолияти эҷодиаш масъалаҳои бунёдии забон – ҳифзи асолати забони тоҷикӣ, поксозии забон, интихоби забони миллии содаву оммафаҳм, муносибати эҷодкорона ба забони гуфторӣ, луғату луғатсозӣ ва ғайраро ба миён гузошта дар роҳи ҳаллу фасли мусбати онҳо талош варзидааст.

Мувофиқ ба бардошти муаллифи диссертатсия донишмандоне чун Р. Ҳошим, Н. Маъсумӣ, М. Шакурӣ, Н. Беҳбудӣ, Ҳ. Рауфов, Р. Ғаффоров, Х. Отахонова, Б. Камолиддинов, А. Маҳмадаминов дар айнишиносӣ нақш ва мақоми устод Айниро дар илми забоншиносӣ, масъалаҳои инкишофи забони адабӣ ва забони осори бадеӣ, навсозӣ ва меъёрбандии забон, забони адабӣ ва гуфторӣ, забони адабӣ ва имло, забони адабӣ ва китобҳои дарсӣ, забони адабӣ ва матбуот, пажуҳишҳои забоншиносӣ, калимаҳои лаҳҷавӣ ва муқоисаи онҳо бо матнҳои классикӣ то ҷое аз тарафи муҳаққиқони соҳа мавридӣ таҳқиқ ва арзёбӣ қарор гирифта, муайян ва мушаххас карда шудааст.

Дар фасли сеюм **«Пажуҳишҳо дар боби осори таърихии нависанда»** андешаҳои айнишиносон доир ба фаъолияти таърихнигории устод Айнӣ мавриди баҳсу баррасӣ қарор гирифтааст. Муалифи рисола фаъолияти таърихнигории устод Айниро дар заминаи осори илмии З. Ш. Раҷабов, И. С. Брагинский, М. Шакурӣ, С. Ш. Табаров, А. Мухторов ва дигарон мавриди таҳқиқ ва таҳлил қарор дода, арзиши ин таълифотро дар айнишиносӣ нишон додааст. Зимни баррасии таҳқиқоти дар ин замина анҷомдодаи М. Шакурӣ, Р. Ҳошим, З, Ш. Раҷабов, А. Мухторов, Л. Н. Демидчик Б. Валихоҷаев, М. Имомзода ва дигарон диссертант ба хулосае омадааст, ки устод Айнӣ бо таълифи осори таърихӣ ва истифодаи огоҳонаи асноди таърихӣ дар осори бадеияш чеҳраи ҳунарии худро ҳамчун таърихнигори ҳақҷӯву ҳақшинос ва баёнгари андешаҳои ормонгароёнаи миллӣ барои имрӯзу фардо ҳифз намудааст.

**Хулосаи диссертатсияи** Сироҷзода Ҷамолиддин Қиём фарогири муҳимтарин бардоштҳои илмии муаллиф буда, дар 12 банд фароҳам омадаанд ва истиноди зарурӣ дар охири ҳар банд ба мақола ва таълифоти довталаби дараҷаи илмӣ оварда шудааст. Хулосаҳо дар заминаи баррасии мавзуи меҳварӣ ва муҳтавои фаслу бобҳои диссертатсия ба вуҷуд омадаанд.

Дар баробари дастовардҳои илмӣ ва муҳокимаю хулосаҳои ҷолиби таваҷҷуҳ диссертатсияи такризшаванда аз норасоиҳо низ орӣ нест:

1. Ба андешаи мо, диссертант бешатар ба баррасии таҳлилу баррасии талифоти айнишиносон майл карда, аз баёни андеша ва бардоштҳои худ камтар баён кардааст. Ҳамин ҷиҳат дар боби аввали диссертатсия бештар ба чашм мерасад.

2. Дар диссертатсия таълифоти зиёди дар айнишиносӣ бавуҷудомада мавриди истифода ва таҳлилу муқоиса қарор гирифтааст, ки аз ковишу ҷусторҳои муаллиф дарак медиҳад. Вале баъзе корҳои таҳқиқие, ки дар айнишиносии замони Истиқлол ба вуҷуд омадаанд, аз мадди назари диссертанд дур мондааст. Аз ҷумла, ба гунаи мисол аз таълифоти адабиётшиносон Н. Аслонова, Н. Қаландаров ва С. Аъзамзод метавон ёдовар шуд. Агар ҳангоми баррасии баъзе масъалаҳо ба чунин назариёти илмӣ такя мешуд, беҳтар буд.

3. Пажуҳишҳои дар самти айнишиносӣ таълифшуда аз ҷониби диссертант зиёд баррасӣ мешаванд, вале муқоиса, мубоҳиса ва нуктаи назари муаллифи диссертатсия камтар ба мушоҳида мерасанд.

4. Дар баъзе саҳифаҳои диссертатсия такрори иқтибос ба назар мерасад. Чунончи, дар саҳифаҳои 62 ва 140-и диссертатсия айнан як иқтибос оварда шуда, илова бар ин, манбаи истинодшаванда ба ду шакл нишон дода шудааст.

5. Агар диссертант ба таълифоти фолклоршиносону мардумпажуҳон, ки ба айнишиносӣ бастагӣ дорад, мурур мекард, хуб мебуд. Чунки дар шинохти осори бадеии устод Айнӣ ин гурӯҳи донишмандон пажуҳишоти назаррас анҷом доаанд.

6. Забони диссертатсия, равон фаҳмо, вале дар саҳифаҳои гуногуни диссертатсия (саҳ. 24, 29, 31, 33, 38, 68, 74, 75,104) ва авторефарат ғалатҳои имлоӣ, китобатӣ, техникӣ ва гуногуннависӣ мушоҳида мешаванд.

Ба таври умум, эродҳои зикршуда ислоҳпазир буда, асосан, хусусияти тавсиявӣ ва пешниҳодӣ доранд.

Автореферат ва мақолаҳое, ки диссертант оид ба мавзуи таҳқиқӣ нашр намудааст, муҳтавои диссертатсияро фаро гирифтаанд. Воқеан, мавзуи интихобнамудаи ӯ ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқии шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.01 – Адабиёти тоҷик мувофиқат мекунад. Ҳамчунин, коркарди амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи

диссертатсия ба меъёр ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯст.

Хулоса, диссертатсияи Сироҷзода Ҷамолиддин Қиём дар мавзуи «Ташаккул ва таҳаввули айнишиносӣ дар Тоҷикистон» ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллиф сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик) мебошад.

**Муқаррizi расмӣ:**
номзади илмҳои филологӣ,
мудири кафедраи назария ва адабиёти
навини форсии тоҷикии факултети филологияи
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Муҳаммадизода Қ.М.
«21» апрели соли 2025.

Нишонӣ: 734042, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур,
кӯчаи Аҳмади Дониш, бинои 32/3, ҳуҷраи 20
Тел.: (+992) 93-508-51-29
E-mail: nqaror@mail.ru

Имзои Муҳаммадизода Қарор Муҳаммадиро
тасдиқ мекунам:
сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Тавқиев Э.Ш.

Нишонӣ: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Телефон: (+992-37) 221-62-25; факс: 227-15-10.
Сомонаи расмӣ: www.tnu.tj
E-mail: info@tnu.tj
«21» апрели соли 2025.